# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Симоилбеков Асрор Музофирович дар мавзуи «Имкониятҳои истифодабарии самараноки сарватҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон дар ташкили ҳудудии сайёҳӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.24 - Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва.**

Ҳудуди ВМКБ яке аз мавзеҳои аҷоиби ҷаҳон маҳсуб меёбад, ки дар солҳои охир диққати сайёҳони ҷаҳониро ба худ ҷалб намудааст. Ин минтақа дорои имкониятҳои беҳамтои таърихию фарҳангӣ (ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва меъморӣ, ҳунарҳои дастӣ, биноҳо, иншоотҳо ва ғ,) буда ҳамзамон бовуҷуди сукунати гурӯҳҳои гуногуни этникӣ, ки барои ҳар кадомашон расму оинҳо, урфу одат, анъана ва тарзи зиндагонии ба худ хосро доранд, таваҷҷӯҳи ҳар чи бештареро ба худ ҷалб намуда истодааст. Бояд қайд кард, ки чунин хусусиятҳои фарҳангӣ - тарзи зиндагонӣ, меъёрҳои рафтор, эътиқод, забон ва ғайра, объектҳои ҷолиби сайёҳии таърихию фарҳангӣ ба шумор меравtotанд. Бинобар ин мутахасисон дар он ақидаанд, ки ҳангоми ташкили самарабахшии сохторҳои ташкилию идоравӣ, ин минтақа имконияти ворид шудан ба яке аз марказҳои ҷаҳонии сайёҳиро дорад.

Дар баробари ин истифодаи сарватҳои таърихӣ ва фарҳангии минтақа бо мақсадҳои сайёҳӣ тадқиқоти дақиқу асосноки илмиро талаб намуда равшан намудани мушкилотҳои соҳа ва коркарди механизми аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи ҳаллу фасли онҳо, ба рушди самаранок ва устувори соҳа мусоидат мекунад.

**Навоварии илмии таҳқиқот** аз таҳияи усулҳои ташкиливу иқтисодии баланд бардоштани ҷолибияти сарватҳои таърихию фарҳангии ВМКБ иборат мебошад. Дар раванди таҳқиқот натиҷаҳои асосии зерин, ки навоварии илмии кори диссертатсиониро ташкил менамояд, ба даст оварда шудаанд:

- бори аввал дар диссертатсия дар шароити минтақаи кӯҳистон назария ва асосҳои ташкилии фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ омӯхта шуда, объектҳои таърихию фарҳангии минтақаи кӯҳистони Бадахшон ҳамчун манбаи потенсиалии сайёҳӣ, нақши онҳо дар рушди сайёҳии кишвар тавсиф карда шуданд;

- дар асоси тафриқаи ҳудуд вобаста аз мавҷудияти сарватҳои таърихию фарҳангӣ ва дараҷаи мусоид будани ҳудуд ва минтақаи омӯзишӣ соҳаи сайёҳӣ ба ноҳияҳои алоҳида ҷудо карда шудааст;

- ареалаҳои асосии рушди босамари сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар ҳудуди минтақаи омӯзишӣ муайян шуда, дар асоси таҳлили мушкилот иқтидори сайёҳии минтақа муайян карда шудааст;

- дар асоси омӯзиши равишҳои методологии осори таърихию фарҳангии минтақа модели мувофиқи ташкилию иқтисодӣ пешниҳод шудааст, ки истифодаи самараноки он ба баланд бардоштани самаранокии ин намуди фаъолияти сайёҳӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд;

- дар асоси таҳлили ҳаматарафаи мушкилот, афзалиятҳои стратегии сайёҳии таърихию фарҳангӣ муайян карда шуда, самтҳои самарабахши рушди соҳа дар ҳудуди ВМКБ асоснок карда шудааст;

- бо мақсади баланд бардоштани нерӯи ин намуди фаъолияти сайёҳӣ барои ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар проблемаҳои минтақа, роҳҳои самараноки идоракунии фаъолияти сайёҳии таърихию фарҳангӣ муайян карда шуда, барои дар амалия ҷорӣ намудани бандҳои он, пешниҳоду тавсияҳо манзур гардидаанд.

Бояд гуфт, ки ҳангоми иҷроиши вазифаҳои дарпешгузошташуда, муаллиф мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои онро вобаста ба нақшаи мантиқии диссертатсия муайян намуда, методикаи дар таҳқиқоти олимони соҳа асосёфтаро дар таҳлили хусусияти ҷалби сармоя ба рушди инфрасохтор истифода намудааст. Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ нашр гардида эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ менамоянд. Хулосаву

тавсияҳо ва натиҷаҳои таҳқиқотии назариявии муаллифи рисола бо истифодаи усулҳои муосири таҳқиқотӣ асоснок шудааст.

Лозим ба зикр аст, ки натиҷаҳои бадастовардаи муаллифи диссертатсия хеле ҷолиб буда аҳамияти калони амалӣ ва назариявиро доранд.

Хулоса, автореферати Симоилбеков Асрор Музофирович ба тамоми талаботҳо оид ба корҳои автореферат дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география мувофиқ буда муаллифи он арзандаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.24 - Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**д.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёт**
**ва ташкили соҳибкории ДДТТ** **Қодирова З.Ҳ.**

6.05.2023

**Имзои З.Ҳ. Қодироваро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус** **Пирзода С.С.**

Суроға: 734061, ш. Душанбе, кучаи Деҳотӣ ½
Сомона: (www.tguk.tj)